*Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, № 6/6, тасдиқ шудааст.*

# ШИНОСНОМАИ ИХТИСОС 08.00.05 – ИҚТИСОДИЁТ ВА ИДОРАКУНИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ (АЗ РӮИ СОҲАҲОИ ФАЪОЛИЯТ)

## I. СОҲАИ ИЛМ: ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

## II. ФОРМУЛАИ ИХТИСОС

Мазмуни асосии ихтисоси 08.00.05 таҳқиқи низомҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, табиати бавуҷудоӣ, ташаккул, рушд ва пешгӯикунии онҳо мебошад.

Ба қисмҳои асосии ин ихтисос принсипҳои назариявӣ ва методологӣ, усулҳо ва воситаҳои идоракунии низомҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷанбаҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории рушди ин низомҳо; омӯзиши масоили гуногуни субъектҳои идоракунии низомҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ (давлатӣ, фаромиллӣ, минтақавӣ, сохторҳои идоракунии корпоративӣ ва менеҷерон ҳамчун субъекти идоракунӣ) дохил мешаванд.

Объекти таҳқиқи ихтисоси мазкурро низомҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз рӯи миқёс, сатҳ, соҳаи фаъолият ва шакли моликияти гуногун ташкил медиҳанд.

Предмети таҳқиқи ихтисоси зикршударо муносибатҳои иқтисодӣ ва идоракуние ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни ташаккул ва инкишофи низомҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба миён меоянд.

## III. СОҲАҲОИ ТАҲҚИҚ

### *1. ИҚТИСОДИЁТ, ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲО, СОҲАҲО, КОМПЛЕКСҲО*

### *1.4. САВДО*

*Мазмуни ин соҳаи таҳқиқ:* муносибатҳои иқтисодӣ оид ба назария, методология ва амали муосири савдо ҳамчун соҳаи махсуси иқтисодиёт ва шакли ташкили мубодилаи мол, қонуният, тамоюл ва масоили рушди он.

*Объекти таҳқиқ*: намуд, шакл ва усулҳои муосири амалисозии фаъолияти савдо, унсурҳои инфрасохтори савдо, институтҳои иқтисодӣ ва технологияи идоракунии ҷараёнҳои мубодила дар шароити байналмилалишавии бозори молҳо, шаклҳои ҳамгироии рушди фаъолияти савдо.

1.4.1. Таҳияи стратегияи рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳо оид ба таъмини самараноки аҳолӣ бо молҳо.
1.4.2. Тамоили муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар савдо
1.4.3. Пешгӯикунии тавозуни захираи молҳо, даромад ва хароҷоти пулӣ, бозорҳои молӣ барои марҳалаҳои кӯтоҳ, миёна ва дарозмуҳлат.
1.4.4. Таҳқиқи вазъи бозорҳои молӣ ва дурнамои онҳо.
1.4.5. Таъмини мутаносибии тақозо ва арза дар бозори молҳои истеъмолӣ.
1.4.6. Рушди инфрасохтори бозори истеъмолӣ.
1.4.7. Баҳодиҳӣ ба тамоюл ва қонуниятҳои рушди гардиши мол.
1.4.8. Асосноккунии шаклҳои самараноки ҳамкории корхонаҳои савдо бо субъектҳои дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ.
1.4.9. Хароҷоти муомилот ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти савдо.
1.4.10. Фоида ва фоиданокии савдо ва зерсохторҳои он.
1.4.11. Таҳлили вазъи молиявии корхонаҳои савдо ва баланд бардоштани устувории онҳо.
1.4.12. Самаранокии иқтисодӣ-иҷтимоии савдо ва зерсоҳаҳои он.
1.4.13. Роҳҳои истифодаи самараноки потенсиали корхонаҳои савдо.
1.4.14. Маблағгузории рушди савдо дар шароити муосир
1.4.15. Механизми иқтисодӣ-ташкилии рушди инноватсионии савдо
1.4.16. Сармоягузорӣ ба савдо ва истифодаи самараноки он.
1.4.17. Ташкили савдои яклухт ва чакана дар шароити муосир.
1.4.18. Такмили механизми ҷойгиршавии шабакаҳои савдо ва хӯроки омма.
1.4.19. Хусусият ва функсияҳои фаъолияти миёнаравӣ.
1.4.20. Рушди инфрасохтори савдо: савдои озмунӣ, фаъолияти ярмаркавӣ, савдои биржавӣ ва электронӣ.
1.4.21. Ташкил ва самаранокии фаъолияти савдои фирмавӣ, шабакаҳои савдо, корхонаҳои савдои иҷтимоӣ.
1.4.22. Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир
1.4.23. Мазмун, масоил, дурнамои такмили фаъолияти тиҷорати хориҷии корхонаҳои савдо, роҳҳои амалисозии онҳо.
1.4.24. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо.
1.4.25. Дастгирии давлатӣ ва рушди савдои кооперативӣ ва савдои бахши хусусӣ дар кишвар, минтақаҳо, зерсоҳаҳо.
1.4.26. Таъмини бехатарӣ ва сифати молҳо дар савдо.
1.4.27. Таъмини сифати хизматрасонӣ дар савдо.
1.4.28. Роҳҳои баланд бардоштани рақобаттавонии корхонаҳои савдо.
1.4.29. Менеҷмент ҳамчун захираи корхонаҳои савдо, таркиб, сохтор ва пайдарҳамии таҳиясозии низоми идоракунӣ.

1.4.30. Такмили ташкил ва идоракунии самтҳои гуногуни фаъолияти корхонаҳои савдо.
1.4.31. Идоракунии стратегии корхонаю ташкилотҳои савдо.
1.4.32. Хусусиятҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар савдо.
1.4.33. Мазмун, пайдарҳамӣ ва воситаҳои кори самараноки ташкилӣ дар савдо.
1.4.34. Идоракунии ҷараёнҳои технологӣ дар корхонаҳои савдо.

### *1.7. СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ* (хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ, хизматрасонии меҳмонхонаҳо, хизмати маишӣ, хизматрасонии таълимӣ, тиббӣ, хизматҳои истироҳатӣ-табобатӣ ва сайёҳӣ, хизматрасонии соҳаи фарҳанг, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, хизматрасонии нақлиётӣ, хизматрасонии алоқа ва дигар намуди хизматрасонии пулакӣ).

*Мазмуни ин соҳаи таҳқиқ:* таҳлили тамоюли муосир ва пешгӯикунии рушди иқтисодиёт ва идоракунии соҳаи хизматрасонӣ; асосноккунии илмӣ ва муайян кардани шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии самараноки фаъолият; такмили усулҳои идоракунӣ ва танзими давлатӣ.

*Объекти таҳқиқ:* ҳамаи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии корхона ва ташкилотҳое, ки фаъолияти асосиро дар соҳаи хизматрасонӣ амалӣ менамоянд (корхонаҳои хусусии тиҷоратӣ, муассисаҳои ғайритиҷоратӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо, мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии идоракунии соҳаҳо ва комплексҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ғайра), инчунин инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, тайёр кардани кадрҳо

1.7.1. Нақш ва мавқеи соҳаи хизматрасонӣ дар иқтисодиёти миллӣ.
1.7.2. Ташаккул ва рушди бозорҳои хизматрасонии соҳавӣ, минтақавӣ ва умумимиллӣ.
1.7.3. Тамоили муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.4. Такмилдиҳии ташкил ва идоракунӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ.
1.7.5. Самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар бахшҳои соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.6. Механизми баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.7. Механизми таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.8. Таъмини ташкилӣ-иқтисодии стандартҳо дар раванди хизматрасонӣ ба аҳолӣ.
1.7.9. Омилҳое, ки ба ҷойгиршавии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ таъсир мерасонанд.

1.7.10. Потенсиали иқтисодии бахшҳои соҳаи хизматрасонӣ ва самаранокии истифодаи он.
1.7.11. Механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рушди инноватсионии бахшҳои соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.12. Механизми идоракунии зиддибуҳронӣ дар соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.13. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди бахши ҷамъиятии (давлатии) соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.14. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.15. Асосҳои иқтисодии танзими давлатии моликияти зеҳнӣ дар соҳаи хизматрасонӣ
1.7.16. Таносуби танзими бозорӣ ва давлатӣ дар рушди бахшҳои соҳаи хизматрасонӣ
1.7.17. Шаклҳои дастгирии давлатии истеҳсолгарони ватанӣ дар соҳаи хизматрасонӣ
1.7.18. Асосҳои иқтисодии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.19. Дастгирии давлатии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.20. Хизматрасонии бизнеси меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо, корхонаҳои хӯроки омма, хизматрасонии канорироҳӣ ва дигар хизматҳои меҳмондорӣ.
1.7.21. Хусусиятҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар бахшҳои соҳаи хизматрасонӣ.
1.7.22. Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

## *5. ИҚТИСОДИЁТИ МЕҲНАТ*

*Мазмун ин соҳаи таҳқиқ:* омӯзиши тамоюл ва қонуниятҳои фаъолияти меҳнатии одамон; муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ ва нерӯи корӣ; механизмҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии идоракунии меҳнат.

*Объекти таҳқиқ:* кормандони кироя, коллективҳои меҳнатӣ ва кордиҳандагон; бозори меҳнат, шуғл ва бекорӣ; ташкил ва меъёргирии меҳнат; даромад ва музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳои алоҳидаи он, дар соҳаҳо ва корхонаҳои ҳамаи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; меъёрҳо ва стандартҳои пешқадами байналмилалӣ дар соҳаи иқтисодиёти меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ.

5.1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра).
5.2. Меҳнат ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ.

5.3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ.
5.4. Низоми муносибатҳои «одам - истеҳсолот»; қонуният ва тамоюли нави ташаккул, тақсимот, мубодила ва истифодаи нерӯи корӣ; механизми баланд бардоштани самаранокии онҳо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ; роҳҳои истифодаи самараноки ҷойҳои кории мавҷуда ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ.
5.5. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ).
5.6. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат.
5.7. Масоили сифати нерӯи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон..
5.8. Меъёргирӣ ва ташкили меҳнат, хусусиятҳои онҳо барои соҳаҳои гуногун ва категорияҳои кормадон.
5.9. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, усулҳои андозагирӣ, омилҳои таъсирасон ва захираҳои афзоиш.
5.10. Шароит, ҳифз ва бехатарии меҳнат.
5.11. Танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он.
5.12. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ
5.13. Масоили таъмини иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; низоми нафақа ва дурнамои рушди он
5.14. Ҳамкории иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бозорӣ.
5.15. Хусусиятҳои хоси рушди меҳнат ва иқтисодиёти хонаводагӣ.
5.16. Низоъҳои меҳнатӣ, роҳҳои пешгирӣ ва ҳалли онҳо.
5.17. Масоили методологӣ, назариявӣ ва амалии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ва роҳҳои баланд бардоштани онҳо. Даромад ва истеъмоли аҳолӣ.
5.18. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## *8. ИҚТИСОДИЁТИ СОҲИБКОРӢ*

*Мазмуни ин соҳаи таҳқиқ:* муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар заминаи фаъолияти инноватсионӣ ва таваккал бо мақсади ба даст овардани даромади соҳибкорӣ ба миён меоянд; назария ва методологияи ташаккул ва рушди соҳибкорӣ; шаклҳо, усулҳо, таъмини методологӣ ва идоракунии фаъолияти

соҳибкорӣ ҳамчун омили муҳим ва сарчашмаи рушди иқтисодиёти кишвар ва сохторҳои соҳибкории он.

*Объекти таҳқиқ:* ҷараёни ташаккул ва рушди сохторҳои соҳибкорӣ аз рӯи шакл, намуд ва соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ.

8.1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ.
8.2. Марҳилаҳои асосии рушди афкори иқтисодӣ дар соҳаи соҳибкорӣ.
8.3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир.
8.4. Пешгӯикунии тағйиротҳои сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.
8.5. Таҳқиқи ҷараёни соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ.
8.6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯи нишонаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.).
8.7. Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ.
8.8. Танзими давлатӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ.
8.9. Ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак.
8.10. Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавии соҳибкорӣ, алоқамандии онҳо.
8.11. Нақшагирии стратегӣ ва пешгӯикунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.
8.12. Методология ва назарияи таъмини рақобатпазирии сохторҳои соҳибкорӣ.
8.13. Ташкили низоми ҳамкории соҳибкории хурд ва калон. Ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ. Франчайзинг ҳамчун намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ.
8.14. Технологияи ҷараёни таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар сохторҳои соҳибкорӣ.
8.15. Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ.
8.16. Мотиватсияи намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ
8.17. Принсипҳои назариявӣ, методологӣ ва методии ташаккул ва рушди маданияти соҳибкорӣ, меъёрҳои ахлоқии соҳибкорӣ.
8.18. Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ.
8.19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ.
8.20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ
8.21. Соҳибкории инноватсионӣ ва рушди он дар соҳаҳои иқтисодиёт.
8.22. Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ; самтҳои асосии ташаккули низоми идоракунии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ.
8.23. Баҳодиҳӣ ба самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ.

## IV. ИХТИСОСҲОИ БО ҲАМ НАЗДИК

08.00.01 – назарияи иқтисодӣ
08.00.10 – молия, гардиши пул ва қарз
08.00.12 – баҳисобгирии бухгалтерӣ, омор
08.00.13 – усулҳои риёзӣ ва инструменталии иқтисодиёт
08.00.14 – иқтисодиёти ҷаҳон

## V. ФАРҚИЯТ АЗ ИХТИСОСҲОИ БО ҲАМ НАЗДИК

Дар фарқ аз ихтисоси 08.00.01, таҳқиқот аз рӯи ихтисоси 08.00.05 ба омӯзиши хусусиятҳои амали системаҳои иқтисодӣ дар макро, мезо ва микрозинаҳо бо дарназардошти ҷанбаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ нигаронида шудааст.

Тафовути таҳқиқот аз рӯи ихтисоси 08.00.05 аз ихтисоси 08.00.10 дар он зоҳир меёбад, ки проблемаҳои танзими фаъолияти иқтисодӣ ба таври комплексӣ баррасӣ мегарданд ва дар доираи он масъалаҳои молия, гардиши пул ва қарз ҳамчун унсурҳои таркибии системаи ягонаи танзими иқтисоди миллӣ баромад мекунанд.

Ихтисоси 08.00.05 аз ихтисоси 08.00.12 бо он фарқ мекунад, ки дар доираи он нишондиҳандаҳои бухгалтерӣ ва оморӣ ҳамчун иттилооти аввалия барои ошкорсозии қонуниятҳои фаъолияти иқтисоди миллӣ дар зина ва соҳаҳои гуногун истифода мешаванд.

Дар тафовут аз ихтисоси 08.00.13, таҳқиқот аз рӯи ихтисоси 08.00.05 коркарди усулҳои нави риёзиву инструменталиии иқтисодиётро тақозо наменамояд ва барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда усулҳои аллакай таҳияшудаи риёзӣ ва инструменталиро истифода мебарад.

Дар тафовут аз ихтисоси 08.00.14, ихтисоси 08.00.05 ҷанбаҳои фаъолияти иқтисодии беруниро аз рӯи нуқтаи назари баҳодиҳии таъсири системаи иқтисодии ҷаҳонӣ ба самаранокии рушди иқтисоди миллӣ баррасӣ менамояд.